“Тасдиқ мекунам”
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ,
доктори илмҳои филология
Шарифзода Ф.Х. ____________
«_26_» __декабри__2025

# ХУЛОСАИ
## шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна дар мавзуи **“Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (6.2.15 - Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Ғафурова Ҷамила Музаффаровна унвонҷӯйи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистони АМИТ ба шумор меравад.

**Довталаби дараҷаи илмӣ** Ғафурова Ҷамила Музаффаровна соли 1983 ба факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (собиқ Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин) дохил шуда, онро соли 1988 бо ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм намуд.

Мавзуи диссертатсия зери унвони **“Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX”** дар ҷаласаи Шурои илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 27 октябри соли 2023, протоколи № 3 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ Салими Хатлонӣ доктори илмҳои филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошад.

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадӣ дар таърихи 18.06. 2025, таҳти №1302 ба Ғафурова Ҷамила Музаффаровна шаҳодатнома додааст, ки ӯ ҳақиқатан имтиҳонҳои номзади (минимум) –ро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм бо баҳои аъло, забони хориҷи (англисӣ) – ро баҳои хуб, адабиёти тоҷик ва равобити адабиро бо баҳои аъло супоридааст.

Диссертатсияи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна дар мавзуи **“Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX”**дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти

забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 14.01.2025, суратҷаласаи №1муҳокима гардидааст.

Ба диссертатсия муқарризон баҳои мусбат дода, пас аз ислоҳи камбудҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия дода шудааст.

Оид ба диссертатсия дар мавзуи **“Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX”**чунин натиҷагирӣ карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Номи мавзуъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (6.2.15 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) мувофиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсия дар сатҳи матлуби илмӣ навишта шуда, дар он як марҳалаи номакшуфи адабиёти нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX дар симои Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан ба таври густарда таҳқиқу арзёбӣ шудааст.

Диссертатсия таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб шуда, аз арзишҳои муҳимми назариву амалӣ ва навоварии илмӣ бархӯрдор мебошад.

Аҳаммияти мавзуи диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки унвонҷӯ бори аввал дар мисоли доираи адабии Истаравшан тавассути таҳлили зиндагинома, осор, майл ба тасвири иҷтимоӣ, таваҷҷуҳ ба идомаи суннатҳои зуллисонайнӣ, пайравии Бедил ва сабки ҳиндӣ, шакл додани анвои шеърӣ, поэтикаи адибони ин доираи адабӣ ва махсусан яке аз намояндагони пешқадами он - Мирзо Сиддиқи Фаноро мавриди пажӯҳиши диссертатсионӣ қарор дода, ба хулосаҳои мантиқии илмӣ расидааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мувофиқат мекунад. Муҳтавои асосии диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо, конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**. Масъалаи дар диссетратсия баррасишуда дар якчанд самт қобили татбиқ аст: Хулоса ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро ҳангоми таълифи китобу дастурҳои назарии адабиётшиносони тоҷик мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Дар рисолаи пешниҳодшуда масъалаҳои назарии адабиёт, аз ҷумла поэтикаи ашъори Мирзо Сиддиқи Фано ва ҳавзаи адабии Истаравшан, суннатҳои шеъри классикии форсии тоҷикӣ: майл ба тасвири иҷтимоӣ, зуллисонайнӣ, пайравии Бедил, идома ва рушди анвои адабии форсӣ-тоҷикӣ, таҳқиқи матншиносии осори Мирзо Сиддиқи Фано дар маркази таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертатсия дар омӯзиши таърихи адабиёти тоҷики ҳавзаи адабии

Истаравшан ва мақому манзалати Мирзо Сиддиқи Фано муҳим буда, онро дар раванди тадриси адабиёти тоҷики асрҳои ХУШ-Х1Х-и ҳавзаи адабии Истаравшан барои донишҷӯёни риштаҳои филологӣ ҳамчун маводи дарсӣ метавон истифода бурд. Ҳамчунин, диссертатсия дар оянда барои тадқиқ дар риштаҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт ва матншиносӣ муҳим мебошад. Истифодаи хулосаҳои назарии муаллифи диссертатсия дар таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ низ аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Диссертатсия таҳқиқ ва пажӯҳиши умдатарин хусусиятҳои адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва ибтидои асри XIX дар мисоли доираҳои адабии Истаравшан мебошад, ки тавассути таҳлили зиндагинома, осор, майл ба тасвири иҷтимоӣ, тавағҷуҳ ба идомаи анъанаҳои зуллисонайнӣ, пайравии Бедил ва сабки ҳиндӣ, шакл додани анвои шеърӣ, поэтикаи адибони ин доираи адабӣ ва махсусан яке аз намояндагони пешқадами он Мирзо Сиддиқи Фано амалӣ мегардад. Муаллифи кори диссертатсионӣ барои расидан ба мақсади асосӣ вазифаҳои зеринро ба иҷро расонидааст:

– таҳлили вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабии Мовароуннаҳр дар нимаи дувуми қарни XVIII ва нимаи аввали асри XIX бар асоси маълумоти таърихнигорон ва адабиётшиносон;
– муайян намудани муҳимтарин хусусиятҳои адабиёти тоҷик дар ин давраи таърихӣ;
– баррасии вазъи доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми қарни XVIII ва нимаи аввали асри XIX;
– рӯнамоӣ кардани шеваҳои идома додани суннатҳои шеъри классикии форсии тоҷикӣ дар ҳавзаи адабии Истаравшан;
– таҳлили ашъори руҳияи иҷтимоидошта ва сабабҳои он дар шеъри адибони истаравшанӣ дар нимаи дувуми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX;
– баррасии фаъолияти адабии Мирзо Сиддиқи Фано ва муайян намудани мақому мавқеи шоир дар адабиёти ин давра;
– таҳлил ва таҳқиқи мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори Мирзо Сиддиқи Фано;
– муайян намудани падидаҳои ҳунарӣ, услуби бадеӣ ва шеваи баёни шоир;
– баррасии матн ва мазмунҳои ҳаётии чистонҳои Фано;
– баррасии масоили матншиносии девони Мирзо Сиддиқи Фано ва зарурати таҳияи матни илмӣ-интиқодии девони шоир ва дар ин замина, бо далелҳои муътамад муайян намудани аҳамияти илмию бадеии он дар адабиёт мушаххас мешавад.

Диссертатсияи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна дар мавзуи **"Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (6.2.15 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) пурра мувофиқат мекунад. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки тамоми баррасӣ ва таҳлили

мавзуи диссертатсионӣ натиҷаи фаъолияти илмии худи муаллиф мебошад. Муаллифи кор дар ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва нақди маводҳои илмию адабӣ дар бораи фаъолияти адабии яке аз адибони камомӯхташудаи доираи адабии Истаравшан Мирзо Сиддиқи Фано ва дар ин замина бо далелҳои мушаххас муайян кардани зиндагинома, мақом ва ҷойгоҳи ӯ дар арсаи адабиёти форсии тоҷикии нимаи дувуми асри XVIII ва аввали XIX ширкати бевосита доштааст ва натиҷаҳои илмӣ маҳсули андешаи худи ӯ мебошанд.

Диссертатсияи мазкур дар илми адабиётшиносии тоҷик пажӯҳиши ягона ва муфассали илмие мебошад, ки дар он мушаххасоти ҷараёни зиндагӣ, фаъолият, мероси адабӣ, мазмуну мундариҷа, забону сабки нигориш, тарзи истифодаи санъатҳои бадеӣ, таҳаввули суннатҳои шеъри классикии форсу тоҷик, аз ҷумла: истиқбол аз шеъри Бедил, назирагӯйӣ, чистонгӯйӣ, гуфтори шеъри зуллисонайн дар шеъру чистон ва нақши ашъори руҳияи иҷтимоидошта дар мисоли ашъори гуногунҷабҳаи яке аз намояндагони доираи адабии Истаравшан Мирзо Сиддиқ Фано таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи нусхаи қаламии девони шоир муаллифи диссертатсия маълум намудааст, ки дар эҷодиёти Мирзо Сиддиқи Фано чистон ҳамчун як жанри алоҳидаи адабӣ мавқеъ дошта, бо забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод шудааст ва онҳо ҳамаашон саршор аз мазмунҳои ҳаётӣ мебошанд.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31-35-37-и “Тартиби додани дарҷаҳои илмӣ”-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 10 фасл, 5 зерфасл, хулоса, тавсия ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи кори диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Росия воридбуда интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Росия ба нашр расидаанд:**


1. Ғафурова Ҷ.М. Омилҳои иҷтимоӣ ва офариниши гавҳари гуфтор дар доираҳои адабии Мовароуннаҳри нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX /Ғафурова Ҷ./ Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. Бахши филологӣ.- Душанбе: - 2020, №1(84) 188Ы 2219-5408,- С.-169-176.
2. С. Хатлонӣ, Ғафурова Ҷ. М. Анъанаҳои классикӣ ва таъсири тафаккури бадеии халқӣ дар ғазалиёти Мирзо Сиддиқи Фано. / Ҷ. Ғафурова / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе: Сино, 2024. №5. 188И 2413-516Х. – С.-251- 261.

3. Ғафурова, Ҷ. М. Оҳангҳои иҷтимоӣ дар рубоиёти Мирзо Сиддиқи Фано / Ҷ. М. Ғафурова // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. – Душанбе: Сифат – Офсет, 2025. № 3, ISSN 2708-308X. – С. 162-168.
4. Ғафурова, Ҷ.М. Мирзо Сиддиқи Фано – шоирисоҳибдевон / Ҷ. М. Ғафурова // Суханшиносӣ. –Душанбе: Истеъдод, 2025, № 3 (52), ISSN 2308-7420. – С. 261-270.
5. Ғафурова, Ҷ. М. Намояндагони маъруфи доираи азабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX/ Ҷ.М. Ғафурова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”. – Хуҷанд, 2025. – № 4,(85) ISSN 2077-4990 . – С.463-469.

**II. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои дигар:**

6. Ғафурова Ҷ. М. Сухане чанд роҷеъ ба Мирзо Сиддиқи Фано ва образҳои тозаэҷоди ӯ. / Ҷ. Ғафурова / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе: 2020, №3 (32) 188И 2308054-Х.-С.-164- 171.
7. Ғафурова, Ҷ. М. Умдатарин хусусиятҳои адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX./ Ҷ. Ғафурова / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе: 2020. №3 (32) 188Х 2308054-Х.-С.-145-149.
8. Ғафурова Ҷ.М. Мирзо Сиддиқи Фано ва девони ӯ. / Ҷ. М. Ғафурова / Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ.- Душанбе: Дониш, 2024, №4 (277). 188ТТ 2076- 2569. -С.-195-200.
**9.** Вазъи фарҳанг ва рушди забони форсии тоҷикӣ дар нимаи дувуми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX. Маърӯза дар конфференсияи ҷумҳуриявӣ. ДДТТ. 20 апрели соли 2024. – С.-78-86.
**10.** Ғафурова Ҷ. Назаре роҷеъ ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Мовароуннаҳр дар нимаи дувуми қарни XVIII ва нимаи аввали асри XIX. Маърӯза дар конференсияи байналмиллалӣ. ДДТТ. 20 майи соли 2024. -С-.49-54.

Хулосаи диссертатсияи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баррасӣ шуда, он кори илмии баанҷомрасида ва мубрам тасдиқ гардид.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби д.и.ф.Умриддин Юсуфов, н.и.ф. Музаффар Муҳаммадӣ, н.и.ф. Анзурати Маликзод, ходими калони илмӣ Холида Давлатова, ходими калони илмӣ Мубашири Акбарзод ва ходими илмӣ Гулбаҳор Усмонова саволҳо пешниҳод гардид.

Унвонҷӯ Ғафурова Ҷамила Музаффаровна ба саволҳои гузошташуда ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Рисолаи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна дар мавзуи **“Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали**

**асри XIX”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (6.2.15- Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) мутобиқат дорад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ бо иштироки устодони мазкур қабул шудааст.

Дар ҷаласаи муштараки шуъбаи таърихи адабиёт иштирок дошт: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:, «тарафдор» – 9, «зид»– нест, «бетараф»– нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ, д.и.ф. Юсуфов Умриддин

**Эксперт**
ходими калони илмии шуъбаи
таърихи адабиёти Институти
забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ, н.и.ф. Давлатова Холида

**Котиби илмии ҷаласа**
ходими илмии шуъбаи
таърихи адабиёти Институти
забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Исматова З.

Имзоҳои д.и.ф. Юсуфов У., н.и.ф. Давлатова Х. ва З. Исматоваро тасдиқ мекунам:

Нозири шуъбаи кадрҳои Институти
забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Давлатов Фирдавс

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел: +992(37) 227-29-07, +992(37) 221-70-30,
Emal: iza. rudaki@gmail.com
Сомонаи расмӣ: www.izar. Tj
«_26_» __декабри__2025